## ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734042, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 14а Тел (372) 21-67-20; 21-67-24 . E-mail: tojiknal@mail.rii


# ФАРМОИШ

№125 «21» 07 2021 сол ш. Душанбе

«Оид ба тасдиқи тарифҳои номиналӣ барои ҳамлу нақли мусофир бо нақлиёти автомобилӣ»

Мутобиқи моддаҳои 19 ва 23 Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 26 «Оинномаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2009, №696 тасдиқ шудааст, банди 8 Низомномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2011, №250 тасдиқ шудааст, инчунин бо мақсади ҷорӣ намудани нархномаи ягонаи хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ :

1. Нархномаи №13-02-12-92/34 "Тарифҳои номиналии мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (минбаъд Нархнома) тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Муассисаи давлатии "Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ" вазифадор карда шавад, ки корхонаю муассисаҳои нақлиёти автомобилии истифодаи умум (интиқолдиҳандагон)-и дар хатсайрҳои мусофирбарии шаҳрӣ, наздишаҳрӣ ва байнишаҳрӣ фаъолияткунандаро бо Нархномаи мазкур, таъмин намояд.
3. Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт назоратро дар самти риояи истифодаи дурусти нархномаҳо дар ҳамлу нақли мусофирон тавассути нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз нархномаи мазкур бармеоянд, таъмин намояд.
4. Фармоиши вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2018, № 19 аз эътибор соқит карда шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини соҳавии вазир вогузор карда шавад.

Вазир Азим Иброҳим

Фиристонида шавад: РНТ, ХДНТСН, МД "НА ва ХЛ" ва парванда

Мувофиқа карда шуд
Сардори Хадамоти зиддиинҳисории
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
_________ Муминзод А. М.
"___" ______ 2021с. №______

Бо фармоиши Вазири нақлиёти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "21" 07 2021с.,№ 225
тасдиқ карда шудааст

КОРГУЗОРӢ

**Нархномаи № 13-02-12-92/34**
**Тарифҳои номиналии мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

| Номгӯи намудҳои хизматрасонӣ бо воситаҳои нақлиёти мусофирбар | Барои мус.км. сомонӣ |
|---|---|
| 1 | 3 |
| 1.Тарифи мусофирбарӣ бо автобус | |
| Дар хатсайрҳои дохилишаҳрӣ | |
| - бо сӯзишвории: | |
| - бензин | 0,35 |
| - дизелӣ | 0,28 |
| - газ | 0,22 |
| Дар хатсайрҳои наздишаҳрӣ | |
| Бо сӯзишвории: | |
| - бензин | 0,29 |
| - дизелӣ | 0,28 |
| - газ | 0,21 |
| Дар хатсайрҳои байнишаҳрӣ | |
| Бо сӯзишвории: | |
| - бензин | 0,27 |
| - дизелӣ | 0,22 |
| 2.Тарифи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо | |
| Дар хатсайрҳои шаҳрӣ. | |
| бо сӯзишвории: | |
| - бензин | 0,35 |
| - дизелӣ | 0,26 |
| - газ | 0,24 |
| Дар хатсайрҳои наздишаҳрӣ. | |
| бо сузишвории: | |
| - бензин | 0,32 |
| - дизелӣ | 0,25 |
| - газ | 0,22 |
| Дар хатсайрҳои байнишаҳрӣ. | |
| бо сӯзишвории: | |
| - бензин | 0,30 |
| - дизелӣ | 0,24 |
| - газ | 0,21 |
| 3.Барои истифода бурдани автомобилҳои сабукрав | |
| Дар хатсайрҳои дохилишаҳрӣ: | |
| бо бензин: | |
| - барои 1км роҳ. | 2,63 |

| | |
|---|---|
| - барои 1 соат бекор истодан | 26,30 |
| бо газ : | |
| - барои 1км роҳ | 1,80 |
| -барои 1 соат бекор истодан | 18,00 |
| Дар хатсайрҳои наздишаҳрӣ. | |
| бо бензин: | |
| - барои 1км роҳ | 2,26 |
| - барои 1 соат бекор истодан | 22,60 |
| бо газ | |
| - барои 1 км роҳ. | 1,55 |
| - барои 1 соат бекор истодан | 15,50 |
| Дар хатсайрҳои байнишаҳрӣ. | |
| бо бензин: | |
| - барои 1км роҳ | 2,04 |
| -барои 1 соат бекор истодан | 20,40 |
| бо дизелӣ, бо автомобилҳои "Ҷип" | |
| - барои 1км роҳ | 3,94 |
| - барои 1 соат бекор истодан | 39,40 |
| бо газ: | |
| - барои 1 км роҳ. | 1,40 |
| -барои 1 соат бекор | 14,00 |

Эзоҳ: 1.Нархномаи мазкур тибқи Оинномаи Муассисаи давлатии «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ», Низомнома оиди калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (кору хизматрасонӣ) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 1999, № 210 тасдиқ шудааст ва Низомнома оиди калкулятсияи арзиши аслии кашондани бор ва мусофирон (кору хизматрасонӣ) бо мақсади тайёр намудани нархҳои номиналӣ барои корхонаҳо ва ташкилотҳои нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия ва Агентии зиддинҳисорӣ ва дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа гардида, аз ҷониби вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

2.Тарифҳо ва имтиёз барои гуруҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон мутобиқи муқаррароти Кодекси нақлиёти автомобилӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

3.Тарифҳо барои минтақаҳо ва хатсайрҳо:

-ВМКБ аз руи коэффитсиенти 1,25 ба тарифҳои нархнома гирифта мешавад;

-дар хатсайрҳои шаҳри Душанбе - ноҳияҳои ВМКБ аз руи коэффитсиенти 1,15 ба тарифҳои дар нархнома овардашуда гирифта мешаванд;

-минтақаи Рашт, ноҳияҳои Айнӣ ва Мастчоҳи кӯҳӣ, хатсайрҳои Душанбе ноҳияҳои Рашт аз руи коэффитсиенти 1,05 ба тарифҳои нархнома гирифта мешаванд.

4. Дар хатсайрҳои байнишаҳрӣ иловапулии комиссионӣ ба андозаи 2 дарсад ба тарифҳои нархнома зам шудааст.

Нархномаи № 13-02-12-92/34 аз ҷониби Муассисаи давлатии "Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ" таҳия шудааст.